Ахбори иттилооти

ШБМ (Ширкати Байналхалқии Молиявӣ), ки ба Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ шомил мебошад ва Саҳҳомони Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон, теъдоди 6 адад институти молиявии хурд, 4 бонки тиҷоратӣ ва Ассотсиатсияи Ташкилоти Маблағгузории Хурди Тоҷикистон ба давраи ниҳоии раванди ташкил намудани нахустин БҚИ Тоҷикистон – интихоби ширкати стратегӣ бо таъмини барномаи мусоид ба кор шурӯъ намуд.

Дар машварати (конфронси) иштирокчиёни тендерон, ки дар ш. Душанбе санаи 21-22 январ баргузор гардид, муассисони бюрои қарзӣ ва намояндагони ШБМ ба як қатор саволҳои ширкатҳои шинохтаи байналхалқӣ, ки дар соҳаи ташкил ва барномарезии фаъолияти амалиёти раванди табодули ахбороти қарзӣ кору фаъолият менамоянд, посуххои мушаххас доданд.

Дар рафти конфронс кормандони лоиҳаи ШБМ оиди таҳким бахшидани инфрасохтори молиявӣ дар Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон, ҳамчунин ба намояндагони иштирокчиёни конфронс ахборот дарбораи рушди раванди табодули иттилооти қарзӣ дар Озорбойҷон, Қиргизистон ва Узбакистон дастрас карда шуд.

Лоиҳаи ШБМ оиди таҳким бахшидани инфрасохтори молиявӣ дар Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷонро Ҳукумати Швейцария таввасути котиботи Давлатии Швейцария оиди иқтисодиёт маблағгузори менамоянд.

